**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримовичдар мавзӯи«Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми биология аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – Физиология ва биохимияи растаниҳо пешниҳод шудааст.**

Муҳиммияти асосии мавзӯи илмӣин таъсири омилҳои иқлимӣ ба сабзиши растаниҳои мазрӯъ, аз ҷумла реҷаи гармӣ ва обии давраи нашъунамои растанӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ба шумор меравад. Давраи нашъунамои фаъоли қисми зиёди зироатҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла офтобпараст, дар ҳарорати миёнаи шабонарӯзии аз $10^0$С боло (ҳарорати фоиданок) мегузарад, ки ин давра дар қисми ҷануби Тоҷикистон аз моҳи март сар мешавад.

Омӯзиши алоқамандии талаботи офтобпараст ба чунин омилҳои асосӣ, ба монанди гармӣ ва намӣ, имконият медиҳад, ки ҷараёни рушду нумӯи растанӣ дар шароити мушаххаси хокию иқлимии парвариш пешгӯӣ ва истифода бурда шавад. Дар байни омилҳои асосии фаъолияти ҳаётии растанӣ маълум аст, ки вазифаи калидӣ ба дараҷаи реҷаи равшанӣ ва обии муҳит тааллуқ дорад.Дар автореферат мақсад, вазифаҳо, объети тадқиқотӣ ва инчунин аҳамияти назариявӣ, илмӣ ва амалии рисола пурра тавсиф карда шудааст. Фаслҳои асосии диссертатсия дар автореферат доир ба таъсири омилҳоа абиотии муҳит ба маҳсулнокии биологию хоҷагидории навъҳои офтобпараст, натиҷаҳои тадқиқот бо нишондодҳои таблисаҳо ва расмҳо нишон дода шудааст.

Рисоланавис муайян намудааст, ки ба минтақаи дорои захираҳои зиёди термикибуда (водии Вахш), қимати ҳадди аксари шиддатнокии оббухоркунӣ нисбат ба минтақаҳои мӯътадил (ноҳияи Муминобод) баландтар буд. Фосилаи тағйирёбии шиддатнокии оббухоркунӣ ва дигар

нишондиҳандаҳои мубодилаи об дар навъҳои офтобпараст ҳамчун таъсири хусусиятҳои генотипикии растанӣ ва омилҳои иқлимии минтақаи нашъунаморо нишон медиҳад

Мавзӯи интихобнамудаи Иброҳимов Қобилҷон масъалаи мубрами мебошад, зеро дар ташаккулёбӣ ва фаъолияти киштзори офтобпараст хусусиятҳои иқлимии минтақаи парвариш ва фарқияти байни навъҳои зироати мазкур аҳамияти муҳим дорад. Яке аз омилҳои асосие, ки дараҷаи маҳсулнокии киштзорро муайян мекунад, сохтори майдони кишт ва андозаи масоҳати барг ба шумор меравад. Дар баробари ин офтобпараст барои Тоҷикистон ҳамчун зироати равғандиҳанда бо сифати хуби озуқаворӣ аҳамияти калон дорад.

Ҳамин тавр дар хулоса бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримович мувофиқи банди 30-юми фасли 3-юми Низомномаи намунавӣ оид ба Шуроҳои диссертатсионӣ доир ба “Пешниҳод ва ҳимояи диссертатсияҳо” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505) ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – физиология ва биохимияи растаниҳо арзанда мебошад.

**Номзади илмҳои биологӣ,**
**дотсенти кафедраи биологияи**
**тиббӣ бо асосҳои генетикаи МДТ**
**«Донишгоҳи давлатии тиббии**
**Тоҷикистон ба номи**
**Абуалӣ ибни Сино»** **Шахсуфбекова О.М.**

ИМЗОИ/ПОДПИСЬ Шахсуфбекова О.М.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
06 04.2024
«06» 04 2024 с/г